Дастурамали мухтасар
барои пур кардани шакли ҳисоботи омории №1-соҳибкор (ҷамъбастӣ)
"Ҳисобот оид ба вазъи соҳибкорӣ"

Шакли 1-соҳибкор(ҷамъбастӣ) "Ҳисобот оид ба вазъи соҳибкорӣ"-ро ҳамаи мақомоти маҳаллии андоз ба суроғаи мақомоти маҳаллии омор ва мақомоти болоии андоз санаи 8 баъди давраи ҳисобот пешниҳод менамоянд.

Маълумотҳои пешниҳод шуда танҳо бо мақсади оморӣ дар шакли ҷамъбастӣ истифода бурда мешаванд.

Шакли ҳисоботи омории номбурда дар асоси шакли ҳисоботи омори байнииидоравии №1-Соҳибкор, ки соҳибкорони инфиродӣ ба суроғаи мақомоти маҳаллии андоз пешниҳод кардаанд ва дигар ҳуҷҷатҳои мақомоти андоз таҳия карда мешавад.

**Қисми 1 "Маълумотҳои ҷамъбастӣ"**

Дар ин қисми шакли ҳисоботӣ ҳамаи маълумотҳои шакли ҳисоботи омори байнииидоравии №1-Соҳибкор дар шакли ҷамъ новобаста аз намуди фаъолияти иқтисодии соҳибкорони ноҳия ё шаҳр оварда мешаванд. Номгӯи нишондиҳандаҳо, рамзгузории сатрҳо ба шакли ҳисоботи омории аввалия №1-Соҳибкор мувофиқ мебошанд.

Дар сатри 01- даромад аз фурӯши молҳо, маҳсулот, хизматрасонӣ, корҳо (бе андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо ва дигар андоз аз маҳсулот) нишон дода мешавад. Сатри мазкур ҷамъи даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, мувофиқи қоидаҳои инъикоси пули нақди тиҷоратиро нишон медиҳад.

Дар сатри 02 – ҷамъи маблағи андозҳои супоридашуда аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ, дар семоҳаи ҳисоботӣ ва аз сатри 04 то сатри 09 намуди ин андозҳо, ки тибқи қонунгузории андозбандии соҳибкори инфиродӣ муайян карда шудааст, ба алоҳидагӣ оварда мешаванд.

**Қисми 2. "Маълумот аз рӯи намуди фаъолияти соҳибкори инфиродӣ"**

Дар ин қисми шакли ҳисобот маълумотҳои ҷамъбастии соҳибкорони инфиродии ноҳия ё шаҳр аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодии онҳо пур карда мешаванд.

Тибқи таснифоти умумии намуди фаъолияти иқтисодӣ (ТУНФИ) соҳибкорони инфиродӣ ки бо мақсади фоида ба даст овардан дар кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ, саноат, сохтмон, савдо, нақлиёт ва дигар соҳаҳо фаъолият доранд маълумотҳо дар сутунҳои 3-12 ва дар сатрҳои 03-11 оварда мешаванд.

Дар сатри 01 –Шумораи соҳибкорони инфиродӣ тибқи баҳисобгирии мақомоти андоз ва дар сатри 02 шумораи соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асл ҳисоботи омори байнииидоравии 1-соҳибкор-ро пешниҳод кардаанд нишон дода мешаванд.

Дар сатри 03 – даромад аз фурӯши молҳо, маҳсулот, хизматрасонӣ, корҳо (бе андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо ва дигар андоз аз маҳсулот) нишон дода мешавад. Сатри мазкур ҷамъи даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, мувофиқи қоидаҳои инъикоси пули нақди тиҷоратиро нишон медиҳад.

Дар сатри 04 – ҷамъи маблағи андозҳои супоридашуда аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ, дар семоҳаи ҳисоботӣ ва аз сатри 06 то сатри 11 намуди ин андозҳо, ки тибқи қонунгузории андозбандии соҳибкори инфиродӣ муайян карда шудааст, ба алоҳидагӣ оварда мешаванд.